**Тақриз**

**ба автореферати Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна таҳти унвони «Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Фарҳангшиносии тоҷик имрӯз беш аз пеш рушд дорад ва ҳоло дар тамоми соҳаи илму техника истилоҳоти зиёде вориди таркиби луғавии забон гардида, водор менамоянд, ки онҳо омӯхта шаванд. Аз нимаи дуюми асрҳои миёна бинобар паҳно гирифтани муносибатҳои байналмиллалӣ саҳми луғатҳои тарҷумавии дузабона, баъдҳо бисёрзабона хеле афзуд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи докторант Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна мубрам буда, “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский чун ҷузъи китоби «Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи Миёна» («Спутник русского человека в Средней Азии»), ки омӯзишу баррасӣ ва муқаррар кардани мақоми он дар таърихи лексикографияи тоҷик ва фарҳангҳои ҷомеи луғатнигории асри XIX ба ҳисоб меравад, ки назири он дар лексикографияи тоҷик таҳия нашудааст ва омӯзишу муайян кардани арзишҳои лексикографии он аҳаммияти калон дорад.

Рисола, чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулосаву тавсияҳо, феҳрасти адабиёт, интишороти муаллиф ва феҳрасти ихтисораҳо иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои пажуҳишро равшан намуда, оид ба нуктаҳои дифоъшаванда маълумоти дақиқ пешниҳод кардааст.

Бобҳо бо дарназардошти сарчашмаҳо ва вижагиҳои лексикографӣ мавзуъбандӣ шуда, дар фаслу зерфаслҳои он бисёр мисол мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Далелҳо собит намуданд, ки мураттиб аз забони тоҷикӣ огоҳии хуб дошта, дар пайдо кардани муодили русии онҳо донишу маҳорати зиёд нишон додааст. А. В. Старчевский роҷеъ ба вижагиҳои фарҳанг, сохторӣ ва маъноии фарҳанги мазкур маълумоти мухтасар дода, онро нахустин фарҳанги тоҷикӣ-русӣ қаламдод кардааст.

Сабаби номаълум мондан ва интишор наёфтани фарҳангро муаллифи диссертатсия дар китоби хидматӣ будан ва бо номи ғайримуқаррарӣ чоп шудани он мебинад.

Диссертант дар фасли аввали боби нахуст оид ба фарҳангнигории тарҷумавии тоҷикӣ-русӣ маълумот додааст. Дар фаслҳои дуюм ва сеюм фаъолият ва симои эҷодии А. В. Старчевскийро равшан намудааст. Дар шаш зерфасли фасли чаҳоруми ин боб мақоми «Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи Миёна»-ро дар байни фарҳангҳои дигари ин фарҳангнигор муайян карда, маълумотҳои грамматикии фарҳангро доир ба забонҳои фарогири фарҳангу муҳоваракҳо, роҷеъ ба фарҳангҳои туркӣ, қирғизӣ, тоторӣ, сартӣ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Боби дуюм "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и А. В. Старчевский ва вижагиҳои сохтории он" номгузорӣ шуда, дар он моддаҳои луғатии он аз лиҳози сохтор (сода, сохта, мураккаб, таркибӣ) баррасӣ гардидааст. Вожаҳои сохтаи фарҳангнома ба пешвандиву пасвандӣ тасниф ва таҳлил гардидаанд. Калимаҳои мураккаб ва усули истифодаи онҳо дар фарҳанг аз диди муҳаққиқ гузаштааст. Усул ва принсипи тарҷумаву тафсири луғат низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола – «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А. В. Старчевский ва вижагиҳои маъноии он» ба таҳқиқи вижагиҳои маъноии фарҳанги мазкур бахшида шудааст. Дар панҷ фасли алоҳида мафҳумҳои умумӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маъмуриву ҳуқуқӣ, калимаҳои ифодагари номи касбу ҳунар, набототу ҷонварон, ченаки вазну ҳаҷм, андозаву шумора баррасӣ гардидааст.

Ба диссертант муяссар шудааст, ки вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба дараҷаи кофӣ ҳаллу фасл намояд. Умуман, ошноӣ бо фарҳанги панҷзабонаи А. В. Старчевский собит намуд, ки он яке аз сарчашмаҳои муҳимми лексикографияи тоҷику рус буда, вижагиҳои ҷолиби зиёд дошта, мавриди омӯзиши ҷиддиву фарогир қарор гирифтааст. Дар қиёс омӯхтани таркиби луғавии забонҳои гуногуннизом дар давраи муайяни таърихӣ маводи мушаххаси зиёд медиҳад ва барои муқаррар кардани манзилати ин забон дар ҷомеа, давлат, сиёсат ва илму фарҳанги асри XIX кумак хоҳад кард.

Фишурда бо равиши хуби илмӣ навишта шуда, аз афзалиятҳои шоистаи зиёд бархурдор мебошад, аммо дар баробари ин баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар расиданд. Масалан, дар нишон додани ному насаби муаллифон принсипи ягона дида намешавад. Дар гунаи тоҷикии автореферат баъзан ғалатҳои имлоиву китобат роҳ ёфтаанд (с.10, 13,15).

Мавриди зикр аст, ки норасоиҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта,ислоҳшавандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии авторефератро намекоҳонанд.

Кори анҷомдодаи Ахмедҷонова М. А. таҳқиқоти баанҷомрасида ба шумор рафта, дар кори маълум намудани боз як сарчашмаи таърихиву фарҳангнигории тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Умуман, таҳқиқоти диссертатсионии Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи «Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский» тадқиқоти арзишманд дар илми лексикографияи таърихиву муосир маҳсуб ёфта, бандубасти он ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-уми таҳти № 267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:** номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва
русии Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд — Ҷалолова Ф.А.
Тел.: (92) 831-11-05
Почтаи электронӣ: info@int.tj

*«Имзои дотсент Ҷалолова Фотима Абдусаломовнаро тасдиқ менамоям».*

Сардори раёсати кадрҳои Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд — Маҳмудов Ш.У.
Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169,
Тел.: (8-3422) 6-03-21, Факс (8-3422) 4-33-15
Сомонаи расмӣ: www.int.tj

«23» августи соли 2024